**2.9. ТАВСИЯҲОИ ОСЛОВӢ ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ ЗАБОНИИ АҚАЛЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ ФЕВРАЛ, 1998 с.**

Номҳо ва номгузорӣ

**1. Шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ дохиланд, ҳуқуқ доранд ном, насаб ва ном падарии худро бо забони модарии худ мутобиқи ананаҳо ва низоми лаҳҷаҳои худ истифода намоянд; ин ном, насаб ва номи падарӣ эътирофи расимро мегиранд ва аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ истифода мешаванд.**

**2. Ба чунин тариқ ташкилотҳои хусусӣ, ба монанди ассосиатсияҳои фарҳангӣ ва корхонаҳое, ки аз ҷониби шахсон созмон дода шудаанд ва аққалиятҳои миллӣ дахл доранд, нисбат ба номгузории худ ин гуна ҳуқуқро низ истифода мекунанд.**

**3. Дар минтақаҳое, ки миқдори зиёди ахолӣ аз ҳисоби шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ дахлдошта ҷойгиранд ва талабот зиёд аст, ҳокимияти давлатӣ чораҳоро оид ба ҷоринамоии номгузории маҳаллӣ, номҳои кӯчаҳо ва дигар нишонаҳои топографӣ барои аҳолӣ ҳамчунон бо забони ақаллият дида мебарояд.**

Дин

**4. Дар таҳқиқ ва таҷрибанамоии дини худ, бо тартиби хусусӣ ё якчоя, ҳар як шахс бо интихоби худ ҳуқуқи истифодаи забон(ҳои)-ро дорад.**

**5. Барои он анъанаҳои динӣ ва санадҳое, ки ба ҳолати шаҳрвандӣ дахл доранд ва дар давлати мазкур қувваи ҳуқуқӣ доранд, давлат метавонад оид ба пешиҳодоти сертификатҳо ва ҳуҷҷатҳои ба ин гуна ҳолатҳои шаҳрвандӣ дахлдошта бо забони расмӣ ва ё забонҳои давлатҳои мазкур гузаронида шаванд.**

Ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ

**6. Ҳама ашхос, аз ҷумла шахсоне, ки ба ақаллияти миллӣ мансубанд, ҳуқуқи созмон додан ва идора намудани ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ассосиатсияҳо ва муассисаҳоро доранд. Ин мақомотҳо метавонанд забон(ҳо)-ро бо интихоби худ истифода баранд. Давлат наметавонад барои забон нисбати ин мақомотҳо табъиз истифода кунад ва ҳуқуқи онҳоро барои дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз буҷаи давлатӣ, сарчашмаҳои байналхалқӣ ва қисмҳои хусусӣ маҳдуд кунад.**

**7. Агар давлат феълан фаъолиятҳоро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ дастгирӣ намояд, пас қисми захираҳои софро, ки давлат ҷудо менамояд, барои дастгирии ҳамин намуди фаъолияте, ки аз ҷониби шахсони ба ақақлиятҳои миллӣ дохилшаванда, равона карда мешавад. Дастгирии молиявии давлатӣ ба фаъолияте, ки забон(ҳо)-и шахсони аз ақаллиятҳои миллӣ тааллуқдошта ҷой дорад, дар чунин соҳаҳо бе асоси табъизӣ пешниҳод карда мешавад.**

Воситаҳои ахборот

**8. Шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ таалуқ доранд, ҳуқуқи созмон додан ва дастгирӣ намудани воситаҳои ахбори омма дар асоси забони ақаллиятӣ дороанд. Танзими давлатии**

**воситаҳои ахбори омма бо ҷабҳаҳои воқеӣ (объективӣ) ва ғайритабъизӣ асос ёфтааст ва набояд барои маҳдуд кардани истифодаи ҳуқуқҳои ақаллият истифода шаванд.**

**9. Шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ таалуқ доранд, бояд аз ҳама вақти шунавоӣ бо забони модарии худ дар воситаҳои ахбороти маблағгузоришудаи ҷамъиятӣ дастрас бошанд. Дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳаҷм ва сифати вақте, ки ба шунавоии ақаллияти мазкур таалуқ дорад, бояд дар бузургии миқдор мутаносиб ва маркази ақаллияти миллӣ бошад, ва ҳамчунин бояд ба ҳолат ва талаботҳои он мувофиқат намояд.**

**10. Хусусияти бурдани барномаҳои дар воитаҳои ахбори омма ва хусусӣ бо забони (забонҳои) ақаллиятҳои миллӣ ҳифз карда мешаванд. Шӯроҳои таҳририи воситаи ахбори омма, ки ба рафти мазмун ва самти барномаҳо назорат мебаранд, бояд дахлнопазир бошанд ва дар худ шахсонеро, ки ба ақаллиятҳои миллӣ дахл доранд, чун шахсони хусусӣ метавонанд дошта бошанд.**

**11. Дастрасӣ ба маълумотҳое, ки берун аз хориҷи кишвар бермеоянд, бе ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд маҳдуд бошанд. Чунин дастрасӣ набояд кӯтоҳнамоии вақти шунавоиеро, ки ба ақаллият дар воситаҳои ахбори маблағгузоршудаи омма дар давлати ақаллиятҳои миллӣ мавқеъ гирифта, тасдиқ кунад.**

## Ҳаёти иқтисодӣ

**12. Ҳама шахсон, аз ҷумла шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ дохил мешаванд, ҳуқуқ доранд ба фаъолияти соҳибкорӣ бо истифодаи забон ё забонҳое, ки худ интихоб менамоянд, машғул шаванд. Давлат метавонад истифодаи иловагии забон ё забонҳои расими давлатро танҳо дар он ҷое, ки манфиати қонунии ҷамъиятӣ, яъне чунин манфиате, ки ҳимояи коргарон ё истеъмолкунандагон ва ё бо муносибати байни корхона ва ҳокимияти давлатӣ алоқамананд, талаб намояд.**

## Ҳокимияти маъмурӣ ва хадомотҳои ҷамъиятӣ

**13. Дар минтақаҳо ва маҳаллҳо шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ бо миқдори аксарият мавҷуданд ва ё тааллуқ доштан ба ин ақаллитҳо аз хоҳиши шахсон вобастааст, ҳуқуқ доранд аз муассисаҳои давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳуҷҷатҳои шаҳрвандӣ ва сертификатҳо бо забон ва забонҳои расмии давлатӣ гиранд. Бо чунин тарз муассисаҳои давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ низ қайди шаҳрвандии мутобиқро бо забони ақаллиятҳои миллӣ мебарад.**

**14. Ба шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ таалуқ доранд, имкониятҳои пурра баробарро нисбати истифодаи забон дар муносибат бо ҳокимияти маъмурӣ, махсусан дар минтақаҳо ва маҳаллҳо, ҷойҳое, ки ин шахсон хоҳиши будан ё ба миқдори зиёд мавҷудияти онҳо воқеъ аст, дода мешавад. Дар ҳамон ҷо ҳокимияти маъмурӣ, дар он ҷое, ки имконият мавҷуд аст, хизматрасонии ҷамъиятиро бо забони ақаллиятҳои миллӣ амалӣ менамоянд.**

**15. Дар минтақаҳо ва маҳаллҳо аз шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ таалуқ доранд ё ба миқдори зиёд мавҷуданд, давлат чораҳоро барои таъмини имконияти истифодаи забони ақаллиятҳои миллӣ аз ҷониби аъзоёни интихобгардидаи онҳо ба мақомотҳои давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳангоми фаъолият бо ин мақомотҳо алоқаманд меандешад.**

## Институтҳои мустақили миллӣ

**16. Давлате, ки дар он шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ таалуқдошта зиндагонӣ мекунанд, бояд дар баробари имкониятҳои пешбинишуда, ҳамчунин имконияти мурочиат намудан ба мақомотҳои судӣ, дастрас будани ин шахсон ба институтҳои мустақили миллӣ, ба монанди омбудсменҳо ва ё комиссияҳо оид ба ҳуқуқи инсон таъмин намояд, агар ин шахсон шуморанд, ки ҳуқуқи истифодаи забони онҳо вайрон шудааст.**

## Ҳокимияти судӣ

**17. Ҳама шахсон, аз чумла шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ дохил мешаванд, ҳуқуқ доранд бо тартиби фаврӣ бо забони ба онҳо фаҳмо, аз сабаби ҳабс ва дастгир кардани онҳо ва ҳамчунин оиди табиат ва ангезаи ҳама гуна айбдоркунӣ нисбати онҳо хабардор бошанд, ва ҳамзамон худро бо ҳамин забони фаҳмо ва бо ёрии тарчумони ройгон то давраи судӣ, дар давраи судӣ ва дар давраи кассатсионӣ ҳимоя намоянд.**

**18. Дар минтақа ва маҳаллҳое, шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ таалуқдошта бо миқдори зиёд мавчуданд, ва дар ин макон хоҳиши шахсон оид ба таалуқият ба ин ақаллиятҳо чой дорад, бояд ҳуқуқ дошта бошанд, ки дар давраи истеҳсолоти судӣ бо забони модарии худ, агар зарур бошад, бо ёрии тарчумони ройгон, баромад намоянд.**

**19. Дар минтақа ва маҳаллҳое, ки шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ таалуқдошта бо миқдори зиёд мавчуданд, ва дар ин макон хоҳиши шахсон оид ба таалуқият ба ин ақаллиятҳо чой дорад, давлат бояд ба тариқи зарурӣ имконияти бурдани тамоми истеҳсолоти судие, ки манфиати ин шахсонро дар бар мегиранд, бо забони ақаллият баррасӣ намояд.**

## Маҳрум кардан аз озодӣ

**20. Роҳбарияти муассисаҳои ислоҳотӣ (пенитенсиарӣ) ва дигар кормандони ин муассисаҳо ӯҳдадоранд бо забон ё забонҳои аксарияти маҳбусшудагон ва ё бо забони фаҳмои миқдори зиёди аз маҳбусшудагон суханронӣ кунанд. Барномаи муздур ва ё омӯзишӣ бояд барои расидани ин мақсад равона шуда бошад. Дар чое, ки зарурат пеш меояд, аз хизматрасонии тарчумон истифода карда мешавад.**

**21. Шахсони дастгиршудае, ки ба ақаллиятҳои миллӣ дахл доранд, ҳуқуқ доранд, забони муайянро бо интихоби худ дар муносибат бо дигар маҳбусшудагон ва ё ашхоси дигар истифода намоянд. Ҳукуматдорон дар чое, ки имконият аст, чораҳоро оид ба бурдани мукотибот бо забони худи онҳо ҳам ба тариқи шифоҳӣ ва ҳам ба тариқӣ хаттӣ дар доираи маҳдудиятҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, мебинад. Бинобар ин дастгиршудагон ё ҳабсшудагон бояд ба тариқи дахлдор дар маҳбасхона ё дар чойи боздошт, ки ба чойи зисти муқарраии онҳо наздик аст, нигоҳ дошта мешаванд.**